«Тасдиқ карда шуд»
Бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
аз «31» 01 соли 2024 № 6/7.6

# НИЗОМНОМА
## доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

ДУШАНБЕ -2024

## НИЗОМНОМА
## ДОИР БА ТАШКИЛИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ТАЪЛИМӢ, ИСТЕҲСОЛӢ ВА ПЕШАЗДИПЛОМИИ ДОНИШҶӮЁН

Низомномаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон масъалаҳои ташкилӣ, тайёрӣ ва гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёнро ба танзим медарорад ва ваколату уҳдадориҳои роҳбарони таҷрибаомӯзиро мустаҳкам мекунад.

Низомномаи мазкур мутобиқи банди 84 «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бандҳои 95,96,97 «Низомнома оид ба низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оиннома ва Низомнома доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни ДДМИТ тартиб дода шудааст.

### 1. Нақша, ташкил, роҳбарӣ ва назорат

**1.1.** Нақшаи таҷрибаомӯзӣ дар асоси барномаи таълимӣ муайян карда мешавад. Барномаҳои таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедраи тахассусӣ дар 5- сол як маротиба таъсис дода шуда, муовини якум, муовини ректор оид ба таълим ва декани факултет онро тасдиқ мекунанд. Барномаи кори таҷрибаомӯзӣ тартиб ва нақшаи тақвисиро барои гузаронидани таҷрибаомӯзии соли равон муқаррар мекунад ва аз тарафи мудири кафедраи тахассусӣ тасдиқ мешавад.

### 2. Ташкил ва роҳбарии таҷрибаомӯзӣ

**2.1.** Талаботҳоро оид ба ташкили таҷрибаомӯзӣ Шӯрои илмӣ-методии донишгоҳ муайян менамояд. Ташкили таҷрибаомӯзии таълимӣ, истехсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯён аз рӯйи «Низомномаи принсипи таҳсилот дар асоси таъсиси Кластерҳои инноватсионии таълимию илмӣ-истеҳсолӣ» бо мақсади мустаҳкам намудани донишхои амиқи назариявӣ ва ба даст овардани таҷрибаи корӣ дар муассисаҳои молиявӣ дар шуъбаҳои бонкҳо, суғурта нозироти андоз, гумрук, омор, ташкилотҳои соҳаҳои гуногун, маданият, маориф, тиҷорат ва корхонаву идораҳои давлатӣ равон карда мешаванд.

**2.2.** Барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ донишгоҳ бо корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо шартномаи ҳамкории дарозмуддат мебандад, ки ҳамчун пойгоҳи доимии гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ муқаррар мешавад.

Дар асоси шартномаи ҳамкории басташуда донишҷӯ дар давраи таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ вобаста ба касби интихобкардааш ташкил ва идоракунии истеҳсолоти корхонаро меомӯзад ва маводи зарурӣ барои ҳисобот, рисолаи корҳои хатмкунӣ дастрас мекунад.

**2.3.** Муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзӣ дар асоси нақшаи таълимӣ ва графики таълимии тақвими солона муайян карда мешавад.

**2.4.** Масъулият барои ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ бар дӯши муовини якум, муовини ректор оид ба таълим, деканҳо, мудирони кафедра ва роҳбари таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишгоҳ гузошта мешавад.

**2.5.** Кафедраи тахассусӣ пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ ҳамаи донишҷӯёнро бо мавзуъҳои корҳои хатмкунӣ, бо объекти таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ вобаста намуда, бо маводи зарурӣ, аз қабилӣ барномаи таҷрибаомӯзӣ, супоришҳои фардӣ оид ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ, нақшаи тақвимӣ-мавзӯӣ ва роҳхат барои сафарбар кардани таҷрибаомӯзӣ таъмин менамояд.

**2.6** Роҳбари таҷрибаомӯзӣ, роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз корхонаҳо (муассиса, ташкилот) аз устодони кафедраи тахассусӣ ё аз ҳайати кормандони кафедра, ки дорои маълумоти олӣ ва малакаи корӣ доир ба ҳамин тахассусанд, таъйин карда мешаванд. Таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ дар асоси стандартҳои давлатии маълумоти олии касбӣ пешбинӣ шудааст ва дар асоси шартномаҳои байни донишгоҳ ва корхонаҳо (муассисаҳо ва ташкилотҳо), ки мувофиқи он корхонаҳо (муассисаҳо, ташкилотҳои номбурда) новобаста аз шакли ташкили ҳуқуқии худ вазифадоранд ҷойҳои таҷрибаомӯзиро муҳайё намоянд.

## 3. Ташкили таҷрибаомӯзии таълимӣ

**3.1. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ якҷоя бо мудири кафедра уҳдадоранд:**

- ҷойи гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёнро бо назардошти тахассус муайян кунанд;
- ба ҳайси роҳбари таҷрибаомӯзӣ устодони малакадор ва донандаи истеҳсолотро, ки мутахассиси он соҳа мебошанд, таъйин кунанд.

**3.2.** Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра уҳдадор аст:

**3.3.** ба корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳое, ки дар онҳо таҷрибаомӯзии донишҷӯён мегузарад ва инчунин ба худи таҷрибаомӯзон барномаи таҷрибаомӯзиро пешниҳод намояд;

**3.4.** дар якҷоягӣ бо маъмурияти корхона (муассиса, ташкилот) экскурсияҳои шиносоии донишҷӯёнро ташкил намояд;

**3.5.** таҷрибаомӯзиро мувофиқи ихтисос ба роҳ монда, лексияҳои мутахассисони истеҳсолотро бо назардошти дастовардҳои нави илму техника дар соҳаи иқтисод ва ҳалли масъалаҳои дар асоси илм ба роҳ мондани идоракунии истеҳсолотро ташкил намояд;

**3.6.** назорати ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро бевосита дар корхонаҳо (муассисаҳо, ташкилотҳо) бо риояи муҳлату мундариҷаи он ба роҳ монад;

**3.7.** ҳисоботи донишҷӯёнро оид ба гузаштани таҷрибаомӯзӣ бо назардошти тақризи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона (муассиса, ташкилот) қабул намояд.

## 4. Ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ

**4.1. Роҳбарони таҷрибаомӯзии донишгоҳ вазифадоранд:**

- ҳар сол то 10 ноябр шартномаи таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломиро бо корхона (муассиса, ташкилот), ки ҳамчун ҷои гузаштани таҷрибаомӯзӣ муайян карда шудааст, барои соли таҳсили ҷорӣ (дар мавриди зарурӣ то 5 сол) банданд;
- ду моҳ пеш аз саршавии таҷрибаомӯзӣ бо корхона (муассиса, ташкилот) барнома ва графики тақвимии гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро мувофиқат намоянд;
- маълумотҳоро оид ба ҷойҳои гузаштани таҷрибаомӯзии донишҷӯён аз кафедраҳои тахассусӣ ҷамъоварӣ ва коркард намоянд;
- фармоиши тақсимоти донишҷӯёнро ба ҷойҳои муайянгардидаи гузаштани таҷрибаомӯзӣ сари вақт дастрас намоянд;
- ҳамкориро бо роҳбарони таҷрибаомӯзии корхона таъсис диҳад, миқдори ҷойҳо ва муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёни таҷрибаомӯзро мувофиқат кунонад, якҷоя барномаҳои корӣро оид ба гузаронидани таҷрибаомӯзӣ тартиб диҳад;
- мавзуъҳои супоришҳои инфиродиро тайёр кунанд, дар тақсимоти донишҷӯён ба ҷойҳои корӣ ё ҷойивазкунии онҳо аз рӯйи намуди кор иштирок кунанд;
- барои ташкил намудани шароити зарурӣ пеш аз саршавии таҷрибаомӯзӣ то омадани таҷрибаомӯзон ба муассисаҳо ва корхонаҳо равад.

**4.2. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра ухдадор аст:**

- гузаронидани чорабиниҳои ташкилиро пеш аз ба таҷрибаомӯзӣ рафтан таъмин намояд ва дар якҷоягӣ бо роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона ҷавобгарии риояи техникаи бехатарии донишҷӯёнро ба ухда гирад;
- риояи муҳлат ва иҷрои нақшаи таҷрибаомӯзиро назорат намояд;
- ба донишҷӯён ҳангоми иҷроиши супоришҳои инфиродӣ ва ҷамъоварии мавод барои кори тахассусии ниҳоӣ кумак кунад;
- аз тарафи корхона (муассиса ва ташкилотҳо) муҳайё кардани шароитҳои мувофиқи меҳнатиро барои донишҷӯён назорат намояд;
- аз тарафи донишҷӯёни таҷрибаомӯз риоя гардидани тартиботи дохилии меҳнатро назорат кунад;
- тамоми корҳоро дар ҳамкорӣ бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз корхона (муассиса, ташкилот) гузаронад;
- ҳисоботи донишҷӯёнро оид ба гузаштани таҷрибаомӯзӣ бо назардошти тақризи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона (муассиса, ташкилот) қабул кунад.

**4.3.** Масъулият барои ташкили таҷрибаомӯзӣ дар корхона, муассиса ва ташкилот бар дӯши роҳбари корхона (муассиса ва ташкилот) гузошта мешавад.

Роҳбарии умумии таҷрибаомӯзии донишҷӯён бо фармоиши роҳбари корхона (муассиса, ташкилот) бар дӯши яке аз кормандони баландихтисос гузошта мешавад;

Роҳбарии бевоситаи таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён дар муҳосибот, коргоҳ, шуъба, озмоишгоҳ ва ғайра бо фармоиши роҳбари корхона, муассиса, ташкилот ба мутахассиси баландихтисоси қисмҳои номбаршуда вогузор карда мешавад.

**4.4. Корхона (муассиса, ташкилот), ки ҷойи таҷрибаомӯзӣ ба шумор меравад, уҳдадор аст:**

- дар асоси барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ва ҳамин низомномаи таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро ташкил намояд;
- мувофиқи барнома ба донишҷӯён ҷойҳои самарабахши гузаронидани таҷрибаомӯзиро муҳайё кунад;
- ҳангоми гузаронидани таҷрибаомӯзӣ шароитҳои мусоидро барои ба даст овардани донишҳои ихтисосӣ муҳайё созад;
- нақшаи тақвимии гузаштани таҷрибаомӯзиро, ки донишгоҳ тартиб додааст, риоя кунад;
- ба донишҷӯён истифодаи ҳуҷҷатҳои техникӣ ва маводи бойгониро иҷозат диҳад;
- ҳангоми ҷамъоварии мавод барои корҳои курсӣ ва дипломӣ кумак расонад;
- омӯзиши қоидаҳои муҳофизати меҳнат ва техникаи бехатариро гузаронад ва онро бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ тасдиқ намояд;
- аз тарафи донишҷӯёни таҷрибаомӯз риоя гардидани тартиботи дохилии меҳнат, саршавӣ ва ба итмом расидани корро, ки дар ташкилот ҷорӣ шудааст, таъмин ва назорат намояд;
- донишҷӯёнро ҳангоми гузаронидани таҷрибаомӯзӣ бо ҷои кор таъмин намуда, бо либосҳои муҳофизаткунанда мувофиқи меъёрҳои муқарраргардида таъмин кунад;
- дар асоси фармоиши роҳбари корхона (муассиса, ташкилот) дар мавридҳои зарурӣ барои риоя накардани қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ба донишҷӯ танбеҳ дода, ба ректори донишгоҳ хабар диҳад;
- ҳангоми рух додани фалокат бо донишҷӯёне, ки дар ҳамин корхона (муассиса, ташкилот) таҷрибаомӯзанд, ҷавобгарии пурраро ба зимма гирад.

**4.5. Роҳбари таҷрибаомӯзии донишҷӯён аз коргоҳ, ки роҳбарии бевоситаи таҷрибаомӯзиро амалӣ мекунад, уҳдадор аст:**

- донишҷӯёнро бо ташкили кор дар ҷойҳои корӣ, идораи ҷараёни технологӣ, таҷҳизот, воситаҳои техникӣ ва истифодаи он, иқтисодиёти истеҳсолот, муҳофизати меҳнат ва ғайра шинос кунад;
- назорати доимиро аз болои кори истеҳсолии таҷрибаомӯзон барад, барои дуруст иҷро намудани супоришҳо назорат кунад, онҳоро бо усулҳои пешқадами кор шинос намояд ва оид ба масъалаҳои истеҳсолӣ маслиҳатҳо диҳад;
- ба донишҷӯёни таҷрибаомӯз усулҳои бехатарии корро омӯзад;
- қайди рӯзномаи донишҷӯён, тайёр кардани ҳисоботи донишҷӯёни таҷрибаомӯзро назорат кунад ва ба онҳо тавсифномаҳоеро нависад, ки дар

он маълумотҳоро доир ба иҷрои барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ва супоришҳои инфиродӣ, муносибати онҳо ба кор, иштироки онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ нишон дода шавад.

**4.6. Донишҷӯ хангоми гузаронидани таҷрибаомӯзӣ вазифадор аст:**

- тамоми накшаҳоеро, ки аз рӯйи барномаи таҷрибаомӯзӣ пешбинӣ шудаанд, иҷро намояд;
- қоидаҳои дохилии тартиботи амалкунандаи корхонаро (муассиса, ташкилот) риоя намояд;
- қоидаҳои муҳофизати меҳнат, техникаи бехатарӣ ва санитарии истеҳсолиро омӯхта, қатъиян риоя кунад;
- аз рӯйи супориши кафедраи дахлдор дар пешниҳоду таклифҳои оқилона ва ихтироъкорӣ иштирок намояд;
- дар баробари кормандони бастӣ барои корҳои анҷомдодашуда ва натиҷаҳои онҳо ҷавобгӯ бошад;
- дар рӯзнома маводи рақамии лозимӣ, таркиби лексияҳо, мубоҳисаҳо, ангораҳо (эскиз) ва лавҳаҳоро қайд кунад;
- ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ ҳисоботи хаттӣ пешниҳод кунад ва аз таҷрибаомӯзӣ санҷиш супорад.

**4.7.** Донишҷӯёне, ки бо корхона, муассиса, ташкилот шартномаи сетарафа бастаанд, таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломиро дар ҳамин корхона (муассиса, ташкилот) гузаронанд.

**4.8.** Ҳангоми дар корхонаҳо пайдо шудани вазифаҳои холӣ мутобиқи талаботҳои барномаи таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён метавонанд ба онҳо таъйин шаванд. Гузаштани таҷрибаомӯзӣ бо тариқи тайёрии инфиродӣ дар назди мутахассисон ё кормандони дорои тахассуси мувофиқ иҷозат дода мешавад.

**4.9.** Донишҷӯёне, ки доир ба соҳаи мазкур собиқаи корӣ доранд, бо қарори кафедраҳои тахассусӣ дар асоси аттестатсияи фосилавӣ аз таҷрибаомӯзии таълимӣ озод мешаванд (ба ғайр аз таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ). Ба таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ онҳо мутобиқи тартиби муқарраршуда равона карда мешаванд.

## 5. Роҳбарӣ ва назорат

**5.1.** Роҳбари бевоситаи таҷрибаомӯзӣ аз кафедраи тахассусӣ таъйин карда мешавад;

**5.2.** Назоратро аз болои роҳбарии таҷрибаомӯзӣ декан ё шахси мансабдоре, ки декан ин вазифаро ба зиммааш гузоштааст ва мудири кафедраи тахассусӣ мебаранд. Иҷрои супоришҳои таълимиро аз рӯйи дастури таҷрибаомӯзӣ устодони кафедра амалӣ мекунанд.

## 6. Вазифаҳои функсионалии роҳбарони таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ

**Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ухдадор аст:**

**6.1.** Фаъолияти қисмҳои таркибиро доир ба тайёрии амалии мутахассисон ба нақша мегирад;

**6.2.** Қисмҳои таркибии донишгоҳро бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба масъалаҳои тайёрии амалии мутахассисон таъмин менамояд;

**6.3.** Нақшаҳои (лоиҳаҳои) ҳалли масъалаҳои ташкили таҷрибаомӯзиро дар донишгоҳ тайёр мекунад;

**6.4.** Ҳангоми бастани шартномаҳо бо корхонаҳо, ташкилотҳо барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ иштирок мекунад;

**6.5.** Ба роҳбарони факултетҳо оид ба масъалаҳои ташкилӣ, масъалаҳои бақайдгирии сарборӣ ва музди меҳнати роҳбарон дастур медиҳад;

**6.6.** Ҷараёни таҷрибаомӯзиро назорат ва натиҷаҳои онро таҳлилу ҷамъбаст мекунад;

**6.7.** Ҳисоботи роҳбарони факултетро дар бораи натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ таҳлил намуда, дар асоси онҳо маълумоти ҷамъбастиро оид ба сифати тайёрии амалии донишгоҳ тартиб медиҳад;

**6.8.** Доир ба мубодилаи таҷриба дар байни роҳбарони таҷрибаомӯзӣ семинарҳо ташкил мекунад;

**6.9.** Ба роҳбарияти донишгоҳ оид ба роҳҳои самарабахши беҳтар намудани тайёрии амалии мутахассисон таклифҳо пешниҳод мекунад.

**7. Декани факултет вазифадор аст:**

**7.1.** Барномаҳои комплексии тайёрии таҷрибаомӯзии мутахассисонро таъмин намояд;

**7.2.** Иҷрои нақшаҳои таълимиро доир ба қисми омӯзиши амалӣ таъмин намояд;

**7.3.** Оид ба риояи техникаи бехатарӣ ва аз муоинаи тиббӣ гузаронидани донишҷӯён дастурҳо диҳад (дар мавриди зарурӣ).

**8. Эдвайзер оид ба корҳои таълим ва мудирони кафедраҳои тахассусӣ ё роҳбари таҷрибаомӯзии гурӯҳҳо уҳдадор аст:**

**8.1.** Банақшагирӣ, ташкил ва баҳисобгирии натиҷаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздиполиро таъмин намояд.

**8.2.** Тайёр кардани барномаҳои таълимии таҷрибаомӯзӣ ва барномаҳои комплексии тайёрии амалии донишҷӯёнро роҳбарӣ кунад.

**8.3.** Корҳои тайёриро барои бо ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ таъмин намудани донишҷӯён ташкил менамояд (ҳар сол дар асоси пешниҳодоти кафедраҳо на дертар аз 1-уми апрели соли равон ба Шӯрои илмӣ - методӣ маълумотҳои банақшагирии ҷойҳои таҷрибаомӯзиро барои соли таҳсили оянда пешниҳод мекунад (бо нишон додани реквизитҳои корхона); дар якҷоягӣ бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ бастани шартномаҳоро бо корхонаҳое, ки ба сифати ҷои таҷрибаомӯзӣ пешбинӣ шудаанд, ташкил мекунанд; як моҳ пеш аз саршавии таҷрибаомӯзӣ бо муассисаҳои молия, корхонаҳо ва ташкилотҳо барнома ва ҷадвали тақвимии гузариши таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро мувофиқат мекунад.

**8.4.** Гузаронидани маҷлисҳоро оид ба масъалаҳои ташкилӣ – методии таҷрибаомӯзӣ бо иштироки роҳбарони гурӯҳӣ аз кафедраи тахассусӣ ташкил менамояд ва онҳоро бо ҳуҷҷатҳои лозимӣ таъмин мекунад.

**8.5.** Тартиб додани дастури муҳофизати меҳнати донишҷӯёни таҷрибаомӯзро ташкил мекунад.

**8.6.** Гурӯҳбандии донишҷӯёнро барои тақсимоти ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ ташкил мекунад.

**8.7.** Лоиҳаи фармоиши ректор оид ба гузаронидани таҷрибаомӯзиро тайёр намуда, ба декани факултет барои мувофиқат пешниҳод мекунад.

**8.8.** Ҷараёни таҷрибаомӯзиро назорат мекунад ва доир ба мукаммал гардонидани тайёрии амалии мутахассисон дар факултет пешниҳод тайёр менамояд.

**8.9.** Санҷиш оид ба натиҷаи таҷрибаомӯзиро назорат мекунад.

**8.10.** Мониторинги натиҷаи таҷрибаомӯзиро (анкетакунии донишҷӯён ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ, таҳлили муқоисавии натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ ва ғайра) ташкил менамояд.

**8.11.** Ҳисоботи таҷрибаомӯзиро дар факултет тартиб дода, онҳоро ба Шӯрои илмӣ – методӣ пешниҳод мекунад. Ҳисобот дар раёсати таълим 3 сол нигоҳ дошта мешавад.

**9. Мудири кафедраи тахассусӣ ӯҳдадор аст:**

**9.1.** Корҳои мукаммалкунии сохтор ва таркиби таҷрибаомӯзиро ташкил намояд.

**9.2.** Таъсиси барномаҳои таълимӣ ва кории таҷрибаомӯзиро ташкил намояд.

**9.3.** Дастурамалҳоро оид ба муҳофизати меҳнати донишҷӯёни таҷрибаомӯз ташкил намояд.

**9.4.** Аз ҳисоби устодони ботаҷриба ва баландихтисос роҳбарони гурӯҳи таҷрибаомӯзиро таъйин кунад.

**9.5.** Дар гузаронидани маҷлисҳои дастурӣ ва ҷамъбастии таҷрибаомӯзӣ иштирок кунад.

**9.6.** Ҳисоботи роҳбарони гурӯҳиро оид ба гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва натиҷаҳои он, муҳокимаи натиҷаҳо, ворид кардани тағйироту иловаҳоро ба ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба усулҳои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ташкил кунад; иҷрои барномаҳои таҷрибаомӯзиро таҳлил намояд.

**10. Роҳбари гурӯҳи таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ аз кафедраи тахассусӣ ӯҳдадор аст:**

**10.1** Маҷлисҳое, ки дар донишгоҳ оид ба масъалаҳои ташкилӣ ва методии таҷрибаомӯзӣ гузаронида мешаванд, инчунин дар маҷлисҳое, ки роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз корхона мегузаронанд, иштирок кунад.

**10.2** Барои муҳофизати меҳнати донишҷӯён дастур диҳад ва қоидаҳои бехатариро омӯзонад.

**10.3** Роҳбарии бевоситаи таҷрибаомӯзиро амалӣ кунад ва донишҷӯёнро бо барномаи таҷрибаомӯзӣ шинос кунад, мусоҳибаҳо гузаронад, ҳангоми тартиб додани ҳуҷҷатҳои ҳисоботдиҳӣ кумак ва адабиёти заруриро доир ба усулҳои таҷрибаомӯзӣ муҳайё кунад.

**10.4** Аз ҷониби донишҷӯён иҷро кардани супоришҳои инфиродиро назорат кунад.

**10.5** Санҷишҳои таҷрибаомӯзии таълимиро қабул ва дар гузаронидани санҷишҳои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ иштирок кунад.

**10.6** Ҳисоботи ҷамъбасти таҷрибаомӯзиро тайёр намуда, ба эдвайзер оид ба таълим ё ба роҳбари факултет ва роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ пешниҳод кунад.

## 11. Ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ

**11.1.** Шакли аттестатсияи натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ дар асоси нақшаи таълимии донишгоҳ бо назардошти талаботҳои Шӯрои илмӣ-методии донишгоҳ муқаррар мешавад.

**11.2.** Пас аз анҷом ёфтани таҷрибаомӯзӣ, донишҷӯ ҳисоботи хаттиро тартиб дода, рӯзномаи таҷрибаомӯзиро бо имзои роҳбари бевоситаи таҷрибаомӯзӣ аз корхона (муассиса, ташкилот) ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ месупорад. Ҳисобот бояд маълумотҳоро оид ба кори мушаххаси иҷрокардаи донишҷӯ дар давоми таҷрибаомӯзӣ ва инчунин шарҳи кӯтоҳи корхона, муассиса, ташкилот (коргоҳ, шуъба, озмоишгоҳ ва ғайра), ташкили фаъолияти он, масъалаи муҳофизати меҳнат, хулоса ва пешниҳодҳоро дар бар гирад. Барои тайёр кардани ҳисобот ба донишҷӯ дар охири таҷрибаомӯзӣ 2-3 рӯз ҷудо карда мешавад. Барои қабули санҷиш (ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ) мудири кафедра комиссия таъсис медиҳад. Ба ҳайати комиссия устодони кафедра, роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва аз рӯйи имконият роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона дохил мешаванд. Дар рафти санҷиш тавсифномае, ки роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона (муассиса, ташкилот) додааст, ба инобат гирифта мешавад.

**11.3.** Баҳодиҳии таҷрибаомӯзӣ ба баҳодиҳии (санҷишҳои) омӯзиши назариявӣ баробар ҳисобида мешавад ва ҳангоми ҷамъбасти фаъолияти донишҷӯ ба инобат гирифта мешавад.

**11.4.** Донишҷӯёне, ки бо сабабҳои узрнок барномаҳои таҷрибаомӯзиро иҷро накарданд ё аз дигар мактаби олӣ бе гузаштани ягон намуди таҷрибаомӯзӣ бо сабаби номувофиқии нақшаҳои таълимӣ ё бо сабабҳои дигар омадааст, аз 1- уми апрел то 1- уми май берун аз вақти хониш ба таҷрибаомӯзӣ фиристода мешаванд.

Донишҷӯёне, ки бе сабабҳои узрнок барномаҳои таҷрибаомӯзиро иҷро накарданд ё баҳои манфӣ гирифтаанд, ҳамчун қарздори академикӣ бо тартиби муқарраршудаи оинномаи донишгоҳ аз сафи донишҷӯён хориҷ карда мешаванд.